آواز تاجیک

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

2 августи соли 2025 Шанбе № 62 (15177)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# БА КОРМАНДОНИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ РОҲИ ОҲАНИ ЎЗБЕКИСТОН

*Дўстони гиромӣ!*

*Пеш аз ҳама, шумо – ҳазорон нафар роҳсозон, бинокорону муҳандисон, энергетикону алоқачиҳо, мошинисту нозирони заҳматписанди вагонҳо ҳамаи коргар-хидматгузарон ва собиқадорони соҳаро ба муносибати иди касбии имрўза аз самими қалб табрик гуфта, эҳтироми бузург ва таманниёти неки худро иброз менамоям.*

*Шабакаҳои нави роҳи оҳан ва коммуникатсионӣ, истгоҳу вокзалҳо, ки маҳз ба туфайли меҳнати фидокоронаи шумо бунёд мегарданд, хидматҳое, ки ба аҳолӣ ва ташкилотҳо пешниҳод мешаванд, ин ҳама, бешубҳа, дар наздик кардани дури мардум, сабук намудани мушкили онҳо, афзунсозии иқтидори транзитии мамлакат ва таъмини кори муназзами соҳаҳои иқтисодиёт ва иншооти иҷтимоӣ аҳамияти бузург доранд.*

*Дар ин санаи муборак, ба дастаҳои сермиллати роҳи оҳан, ба тамоми кормандону хидматгузорони соҳа, ки шабу рўз босамар меҳнат карда, дар рушди чунин соҳа бо масъулияти баланд саҳми муносиб мегузоранд, аз номи худ ва аз номи тамоми мардуми кишвар миннатдории амиқ изҳор менамоям.*

*Муҳтарам, кормандони роҳи оҳан!*

*Ба шумо хуб аён аст, ки тайи солҳои охир дар раванди татбиқи барномаҳои рушди миллӣ ба баланд бардоштани иқтидори нақлиётӣ-коммуникатсионӣ ва транзитии мамлакат диққати махсус медиҳем. Бо қаноатмандӣ бояд таъкид кард, ки ба туфайли ислоҳоти густурда дар ин самт фаъолияти роҳҳои оҳани Ўзбекистон куллан такмил ёфта, дар соҳа лоиҳа ва барномаҳои муҳим амалӣ мешаванд. Дар фурсати кўтоҳ беш аз 3 800 километр роҳи оҳан барқӣ гардонида шуда, анҷом ёфтани бунёди роҳи оҳани «Бухоро — Урганҷ — Хива», афзудани теъдоди техникаҳои муосир дар парки локомотив аз густариши доираи корҳо дар ин самт гувоҳӣ медиҳанд.*

*Муҳимтар аз ҳама, ин талошҳо пайваста ва давомдор буда, тасдиқи амиқи онро дар мисоли роҳандозии ҳаракати қатораҳои барқии баландсуръат дар хатсайри «Тошканд — Урганҷ — Хива», босуръат идома ёфтани раванди барқӣ гардонидани шабакаи роҳи оҳани «Мискин — Нуқус» дидан мумкин аст.*

*Ғайр аз ин, имсол бо мақсади баланд бардоштани сифати хидматрасонии нақлиётӣ ба аҳолӣ ва рушди сайёҳӣ корҳои бунёди хатҳои роҳи оҳан аз шаҳри Самарқанд ба Ургут ва аз истгоҳи Байтқўрғони вилояти Тошканд то ноҳияи Паркент оғоз ёфтанд. Инчунин, татбиқи сохтмони роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон», ки лоиҳаи бузурги байналмилалӣ мебошад, на танҳо барои ояндаи мамлакати мо, балки тамоми минтақа воқеаи бениҳоят муҳим гардид.*

*Кормандони азизи соҳа!*

*Фикр мекунам, ҳамаи мо хуб дарк менамоем, ки ҳоло дар назди мо ҷиҳати рушди минбаъдаи нақлиёти роҳи оҳан, зиёд намудани навъ ва ҳаҷми хидматрасониҳо, баланд бардоштани сифати онҳо ва сохтмони иншооти муҳими инфрасохторӣ вазифаҳои бузург қарор доранд, инчунин барои Ўзбекистони Нав саноати муқтадири роҳи оҳан, шабака ва хидматрасониҳои роҳи оҳан заруранд, ки ҷавобгўи талаботи замон бошанд.*

*Дар иҷрои чунин вазифаҳои бузургу масъулиятнок, ки дар таърихи мо мислаш дида нашуда буд, мо пеш аз ҳама ба шумо, кормандони дилсўзу заҳматписанди роҳи оҳан, ки дорои дониши амиқ ва таҷрибаи ғании касбӣ ҳастед, кору касби худро аз таҳти дил дўст медоред ва тамоми умри худро барои хидмат ба халқу Ватан бахшидаед, такя мекунем.*

*Бовар дорам, ки шумо аз чунин боварии баланди халқамон неру ва илҳом гирифта, боз ҳам меҳнати босамар намуда, албатта, рушди соҳаро ба марҳилаи нави тараққиёт мебаред.*

*Шумо, азизонро бори дигар бо иди касбӣ самимона табрик намуда, бароятон саломатии мустаҳкам, рўзгори осуда ва бахту саодат, дар ҷодаи фаъолияти серпаҳлў комёбиҳои нав ва омад таманно мекунам.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.***

# ДАР БОРАИ ЛОИҲАҲОИ БУЗУРГИ СОҲАИ НАҚЛИЁТ МАЪЛУМОТ ДОДА ШУД

***Ба Президент Шавкат Мирзиёев доир ба лоиҳаҳои бузурги соҳаи нақлиёт маълумот дода шуд.***

Баробари рушди иқтисодиёт ва суръат гирифтани ҳаёт, талабот ба равобити нақлиётӣ низ меафзояд. Дар соли 2030 ба 15 миллион расидани гардиши мусофирони ҳавоӣ ба шаҳри Тошканд дар назар аст. Вале барои ин иқтидори фурудгоҳи ҳозира намерасад. Азбаски дар даруни шаҳр ҷойгир аст, васеъ кардани он низ имконнопазир мебошад. Аз ин рў, бунёди аэропорти нави байналмилалӣ дар вилояти Тошканд ба нақша гирифта шудааст. Ҳоло пешниҳодҳои ширкатҳои хориҷӣ оид ба шарикии хусусӣ бознигарӣ мешаванд.

Дар тақдимот мутасаддиён дар бораи тамоми ҷанбаҳои ин лоиҳаи бузург маълумот доданд.

Солҳои охир ба хоҷагии роҳ низ маблағи зиёд ҷудо гардида, иншооти нав сохта мешаванд. Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳаракати нақлиёти автомобилӣ, бунёди роҳҳои алтернативӣ низ тарҳрезӣ мегардад. Дар ин самт барои созмони муҳити ҷолиб ба инвесторон Қонун «Дар бораи роҳҳои автомобилгард» дар таҳрири нав таҳия гардид.

Дар ин асос, ба лоиҳаи бунёди роҳи магистралии муқобили баландсуръат байни Тошканд ва Самарқанд ширкатҳои чанд давлати ҳамкор мароқ зоҳир кардаанд.

Мутасаддиён дар бораи натиҷаҳои музокироте, ки бо онҳо гузаронида шуд ва пешниҳодот гузориш доданд.

Роҳбари давлат зарурати ҳамаҷониба тарҳрезии ин инфрасохтори стратегӣ ва зудтар гузаштан ба марҳилаи амалиро таъкид кард.

**ЎзА.**

# ДЎСТИРО ҶУСТУҶЎ ДОРЕМ МО...

***Тамоми ҳафтае, ки гузашт дар доираи Ҷашнвораи «Дўстӣ» дар саросари ҷумҳурӣ тантанаҳо баргузор гардиданд. Дар вилояти Самарқанд низ ин ҷашнвора бо рўҳияи баланд ва хотирмон анҷом ёфт.***

Алҳол дар «Хонаи дўстӣ»-и вилояти Самарқанд 11 маркази милливу фарҳангӣ ва 33 созмони ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ амал мекунанд. Бояд гуфт, ки дар шумори дигар марказҳои вилоят Маркази милливу фарҳангии тоҷик ва тоҷикзабонҳо низ фаъолияти густурда дорад ва дар ҳифз намуданду идома додани анъанаву арзишҳо, расму оинҳои миллии тоҷик ва тоҷикзабонони Самарқанд саҳм мегузорад.

– Тарғибу ташвиқи фарҳангу адабиёт, санъат, арзишҳо, таҳкими дўстии халқҳо аз самтҳои асосии фаъолияти мо мебошад, – мегўяд раиси марказ Шуҳрат Самадов. – Бояд гуфт, ки солҳои охир ба туфайли муносибатҳои дўстона ва сиёсати хирадмандонаи сарони Ўзбекистону Тоҷикистон робитаҳои тарафайн беш аз пеш инкишоф ёфтанд. Мо низ дар ин самт саҳм мегузорем. Вақте сухан дар бораи дўстии ду халқ меравад, пеш аз ҳама урфу одат, анъана, фарҳанг ва санъати муштарак, тарзи зиндагии ҳаммонанди онҳо пеши назар меояд. Ҳамзамон, адабиётҳои мо низ аз як сарчашма маншаъ мегиранд.

Имрўз мо анъанаҳои неки гузаштагонро идома медиҳем. Тоҷикони вилоят чун дигар намояндагони миллатҳо дар тадбирҳои пуршукўҳи фарҳангӣ фаъол иштирок мекунанд. Чунончӣ, соли равон дар чорабиниҳои идонаи ҷашни байналмилалии Наврўзи оламафрўз вакилони дигар марказҳои милливу фарҳангӣ на танҳо ширкат варзиданд, балки бо барномаҳои консертӣ табъи ҳозиронро болида сохтанд. Албатта, мо низ меҳмони маросимҳои мардумии халқҳои дигар, аз ҷумла «Сабантўй»-и тотору бошқирдҳо, «Тано»- и корейсҳо, «Пасха»- и русҳо ва дигарон будем.

**– Чанд сухан дар бораи фаъолони марказ мегуфтед...**

– Олими шинохта, доктори фанҳои филологӣ, профессор Садрӣ Саъдиев, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистону Ўзбекистон Мардон Мавлонов, корманди телевизиони Самарқанд Шаҳло Аҳророва, сардабири рўзномаи «Овози Самарқанд» Баҳодур Раҳмонов, шоири зуллисонайн Нормурод Каримзода, сармуҳаррири маҷаллаи илмӣ, адабӣ ва фарҳангии «Дурдонаи Шарқ» Асадулло Шукуров ва дигарон аз ҷумлаи фаъолони марказ ҳастанд, ки дар нишасту чорабиниҳои мо фаъолона иштирок мекунанд ва барои беҳтару ҷолибтар гузаштани онҳо саҳм мегузоранд. Бояд гуфт, ки маҳз бо дастгирӣ ва иштироки фаъоли онҳо «Ҷашнвораи дўстӣ», ки дар саросари мамлакат гузашт, дар шаҳру ноҳияҳои вилояти мо низ бошукўҳ таҷлил гардид.

**– Нақшаҳои ояндаи марказ...**

– Имсол барои маркази мо аз солҳои пурмаҳсул буд. Мо дар ҳамкорӣ бо як қатор ташкилотҳо чорабиниҳои фарҳангӣ ва вохўриҳои адабӣ доир намудем. Чорабинии адабӣ дар мавзўи «Нигоҳи дўстӣ: фароҳдилӣ, ҳамҷиҳатӣ ва осоиштагӣ», тақдимоти китоби тозанашри «Дийдор ҳикмати — Ҳикмати дидор»-и нависанда ва рўзноманигор Тошқул Азимзода, рўнамоии «Якта хандед, модарҷон» ва «Бир бор кулиб қўйинг, онаҷон»-и узви Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон Маликаи Бахтиёр ва ғайра аз ин ҷумлаанд. Ният дорем, ки дар оянда низ чунин вохўриҳои адабиро бештар ташкил кунем. Зеро ин тадбирҳо барои мустаҳкамтар гардидани муносибатҳои дўстонаи халқҳои ўзбеку тоҷик хидмат мекунанд.

**– Ташаккур, ба шумо. Барои амалӣ намудани кулли нақшаҳоятон комёбиҳо таманно мекунем.**

– Саломат бошед.

Суҳбаторо
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ҚУДРАТИ МО ДАР ДЎСТИСТ

30 июли соли ҷорӣ бо ташаббуси Маркази миллии маърифат ва санъати тоҷикони ноҳияи Бойсун дар ҳамкорӣ бо ҳокимият ва шуъбаи маркази маданияти ноҳия бахшида ба ҷашни «Дўстии халқҳо» чорабинии маданиву маърифатӣ баргузор гашт. Ҳоким Баҳодур Шукуров ба ҷашн ҳусни ифтитоҳ бахшида, тамоми халқу миллатҳоеро, ки дар ноҳия дўсту аҳлона истиқомат мекунанд, самимона табрик гуфт ва ба як гурўҳ фаъолони Маркази миллии маърифат ва санъати тоҷикони Бойсун, фахриёни меҳнат, ходимони фидоии ноҳия ташаккурномаҳо супурд. Алалхусус, бо тантана супорида шудани нишони давлатии «Мард ўғлон» ба як нафар ҷавони маҳаллаи «Темир дарвоза», донишҷўйи соли сеюми факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Самарқанд Парвиз Қудратов дар ҳузури фаъолону ҷавонон ба ҳусни ҷашн ҳусн бахшид. Бешубҳа, ҷавонон аз ин ифтихор мекунанд.

Зимни суханронии хеш ў, инчунин иброз дошт, ки дар ноҳияи Бойсун мувофиқи маълумоти оморӣ дар қатори 73146 нафар ўзбек, 53448 тоҷик, 86 туркман, 61 тотор, 38 рус, 35 украин, 31 белорус, 15 қазоқ ва 218 нафар намояндагони дигар миллатҳо аҳлона умр ба сар мебаранд. Дар ҷашни имсолаи «Дўстии халқҳо» намояндагони миллатҳое, ки дар боло зикр намудем, низ ҷалб карда шуданд. Ба шарафи онҳо ба забони худашон суруду оҳангҳо садо дод, рақсҳои миллиашон намоиш дода шуд. Дар миқёси як ноҳия чунин васеъ ва пурмуҳтаво ҷашн гирифта шудани ҷашни дўстӣ ифодаи ғамхории ҳукумат ба халқу миллатҳо ва қудрату тавоноии дўстист. Дар чеҳраи намояндагони ўзбеку тоҷик, туркману қазоқ, украину белорус ва дигар миллатҳо ҳусни қаноатмандӣ, хушҳолӣ, шукронагӣ ҳувайдо буд. Оре, қудрати мо дар ягонагӣ ва дўстист.

Дар ҷашни дўстӣ, инчунин раиси Маркази миллии маърифат ва санъати тоҷикони ноҳия Ғаффор Норбоев, нависанда Дилбар Йўлдошева, вакилони русзабон Нина Норматова, Венера Носирова ва дигарон сухан ронданд. Ба ҷашни дўстӣ шеъру сурудҳои дилнишин дар васфи дўстӣ ҳусну тароват бахшиданд.

**Холиёр ОСТОНАЕВ,**
**фаъоли Маркази миллии маърифат ва санъати тоҷикони ноҳияи Бойсун.**

*(Давоми мавзўъро дар саҳифаи 3 хонед).*

***БАРОИ ВАТАН, БАРОИ МИЛЛАТ, БАРОИ ХАЛҚ!***

***Дар мамлакатамон барои мардум фароҳам овардани шароиту имкониятҳо, баланд бардоштани ҳуқуқу манфиат, арзиш, шаъну шарафи инсон вазифаи аввалиндараҷа ба шумор меравад.***
***Аз ҷумла, дар вилояти Намангон, ки саноаташ торафт вусъат меёбад, дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ислоҳот татбиқ мегардад.***

# «ШТАБИ ИСЛОҲОТ»– ПЕШРАВИИ ИҚТИСОД



Соли ҷорӣ дар вилоят 4,2 миллиард доллар сармоягузорӣ, ба миқдори 1 миллиард доллар содироти маҳсулоти харидоргир, 323 ҳазор ташкил намудани ҷойи корӣ ва 55 ҳазор оиларо аз камбизоатӣ баровардан ба нақша гирифта шудааст.

Асоси ин роҳ тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ мебошад. Дар ин ҷо 82 фоизи аҳолии ба кор лаёқатманд кор мекунад. Аз аввали сол то ҳол ба ҳудуд 1,6 миллиард доллар сармоя гузошта шуд.

Дар хоҷагии қишлоқ низ натиҷаҳои калон ба даст дароварда мешавад. Дар Янгиқўрғон даромад аз як гектар замин бештар аз 20 ҳазор долларро ташкил дода, барои дигар ноҳияҳои вилоят намуна аст.

Бо шарофати фаъолияти «Штаби ислоҳот», ки бо ташаббуси Президент таъсис ёфтааст, дар вилоят боз лоиҳаи арзишаш 1 млрд. доллар ташаккул ёфт.

Дар байни лоиҳаҳои нав дастури парвариши интенсивии моҳӣ дар хоҷагиҳои ноҳияи Норин ва тараққӣ додани мурғобипарварӣ дар ноҳияи Мингбулоқ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ин иқдомҳо на танҳо амнияти озуқавориро таъмин мекунад, балки барои ҳазорон нафар мардум ҷойҳои корӣ фароҳам меоранд.

Аз рўйи маълумот гуфтан мумкин, дар вилоят шумораи бекорон 55 ҳазор нафарро ташкил мекунад. 44 ҳазор нафар оилаи камбағал зиндагӣ мекунад. Барои ҳалли ин мушкилот ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, мардумро бо касбу кор таъмин намудан ҳамчун мақсади асосӣ ба нақша гирифта шуд ва бояд ҳар як соҳиби хонавода аз замини наздиҳавлӣ бо мақсад истифода бурда, манбаи даромад эҷод кунад.

– Нориниён алҳол бо моҳипарварӣ машғуланд, – мегўяд мутахассиси соҳа, таъсисгари кластери « FISHVILLE NORIN GROUP» Азизбек Даминов. – Чунки иқлим ва шароити ноҳия ба талаби моҳипарварӣ ҷавоб медиҳад. 3 сол боз шароит ва обҳои ҳудудро тафтиш карда, ба ҳамин хулоса омадем, ки дар ин ҷо парвариши моҳӣ мақбул ва ба талаб ҷавоб медиҳад. Бо мақсади ривоҷи соҳа ба ин кор даст задему кластери моҳипарвариро ташкил намудем.

Барои таҷриба дар як хонавода дар 1 сотих замин ҳавз тайёр намудем ва аъзои оила бо парвариши моҳӣ машғул шуданд. Мутахассисон маслиҳатҳо дода, рафти корро назорат карданд ва моҳипарварон дар як мавсим 80 млн. сўм даромад гирифтанд.

Дар аввали фаъолияти корӣ истеҳсоли маҳсулоти моҳиро 5 тонна тахмин карда будем. Дар ҷараёни кор аз талаб ва таклифҳои истеъмолгарон пай бурдем, ки шумораи истеҳсол ба 50 тонна мерасад. Талаб ва хоҳиши мардумро ба эътибор гирифта, барои таҷриба ба 200 хонавода моҳии фарел додем, бо хўроквории низ таъмин намудем. Аз тарафи мутахассисон дарсҳои амалӣ ва машғулотҳои таҷрибаомўзӣ гузаронида мешавад.

– Нафақахўрам, Шукри худо мекунам. Замонаамон осудаву рўзгорамон фаровон. Ин ҳама ба шарофати истиқлол, – мегўяд Саидғанӣ Ҷалолови 70 сола. – Дар бачагӣ бисёр азоб кашида будем. Камбудиҳои рўзгор ба охир намерасид. Ин хел имконияту шароит ҳатто ба хобамон намедаромад. Ҳар як сухан ва сиёсати сарвари давлатамонро гўш мекунам. Дар бораи моҳипарварӣ, ки дар ҷамъомад гуфтанд, дилам ҷўш заду нақшаҳо кашидам, токи бо ин кор машғул шавам. Дере нагузашта дар бораи гузаронидани таҷрибаи хонавода шунида, ба мутахассисон мақсадамро баён кардам. Дар як қисми ҳавлиам дарахти сафедор шинонда будам. Дар мобайни сафедорзор ҷой тайёр намудам ва бо кўмаки ҳокими вилоят парвариши 500 дона моҳиро сар кардем. Дар оила одами бекор нест. Фарзандонам низ ба ман кўмакрасонанд. Дар назди ҳавлиам ҳавзи махсус шинонда, боз моҳии нав овардем ва шумораи онро ба 1080 расонидем. Дар як мавсим 75 млн сўм даромади соф мегирем, гуфта тахмин кардам. Баъди як сол аз фурўши сафедор низ 150 млн сўм даромад мегирем. Якчанд сар мурғобиву паранда низ дорем.

Дарҳақикат, имрўз ҳар як норинӣ бо моҳипарварӣ машғул аст. Зеро дар ин ҷо ба ин фаъолият ишконияту шароити васеъ фароҳам оварда шудааст.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ – ТАҲКУРСИИ РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТ

***Навоӣ ҷавонтарин вилояти кишварамон буда, аз нигоҳи бузургии майдон дар ҷойи якум қарор дорад. Он аз ҳисоби ҳудуди вилоятҳои Самарқанд ва Бухоро ташкил ёфтааст. Захираҳои зиёди канданиҳои фоиданоки зеризаминиро дорост.***



Ривоҷи саноат ба сарвати об вобастагӣ дорад. Бо мақсади ҷалб ва рағбатнокгардонии сармоягузорони хориҷӣ муҳайё намудани шароит, имконоти фаъолият ва дар ин замина модернизатсия ва навсозии корхонаҳои истеҳсолӣ ва ҷорӣ кардани техникаву технологияҳои пурсамари бо сармоягузории замонавӣ асосёфта, истеҳсоли маҳсулоти дар бозори ҷаҳон рақобатбардор ва ҷавобгӯи маҳсулоти воридотӣ бо Қарори Президент аз 2 декабри соли 2008 дар ҳудуди вилоят минтақаи эҷоди иқтисодии «Навоӣ» ташкил карда шуд. Ба ин мақсад дар назди аэропорти байналмилалии Навоӣ, дар ду самти шоҳроҳи Самарқанд – Бухоро 564 гектар, ки яке аз ҳудудҳои саноатии минтақа буд, замин ҷудо карда шуд. Зимни интихоби минтақаи озоди иқтисодии «Навоӣ» масоили энергетикӣ, таъминот бо обу газ, наздикии маҳаллаҳои аҳолинишин ба инобат гирифта шуд. Объектҳои муҳиме чун роҳи автомобилгарди чор қатора, хати роҳи оҳан, лӯлаҳои баландшиддати газ, лӯлаҳо барои таъмин бо оби ошомиданӣ кашида шуда, меҳмонхонаи сеситорадор барои 60 нафар бунёд гардид.

Пас аз ташкилёбии МОИ «Навоӣ» бо ҷалби сармояи хориҷӣ 19 лоиҳа дар амал татбиқ гардида, корхонаҳои истеҳсолӣ дар асоси технологияҳои нав ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатбардор чун ҳисобкунакҳои электронии барқӣ, кабелҳои ба шиддатнокии баланд тобовар, дегҳои гармкунанда барои истгоҳҳои барқии гармидиҳанда, аппарати телефонҳои мобилию статсионарӣ ва дигар намудҳои маҳсулот ба роҳ монда шуд.

Аз соли 2011 аэропорти Навоӣ модернизатсия шуда, дар заминаи он дар Осиёи Марказӣ ягона фурудгоҳи байналмилалии ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бунёд шуд. Маркази логистикаи байналмилалӣ барпо гардид. Майдони фурудгоҳ чор км. дароз карда шуд.

Корхонаҳое, ки дар вилоят мақоми аъзои МОИ «Навоӣ»-ро гирифтаанд, мувофиқи фармони Президент аз 26 октябри соли 2016 имтиёзҳои ҳаҷм, низом ва мӯҳлати пардохти андоз ва боҷи боҷхона мушаххасан муайян гардидааст. Ба ин имтиёзҳо дастгоҳҳо, ашёи хом, маҳсулот, ки барои ба роҳ мондани истеҳсолот аз хориҷ ворид кардаанд, аз андоз ва боҷ (ҷуз боҷи расмикунонии ҳуҷҷатҳо) озод мебошанд. Корхонаҳое, ки мақоми аъзои МОИ «Навоӣ»-ро гирифтаанд, аз андози замин, молу мулк,- андози даромад озод мебошанд. Ин имтиёзҳо вобаста ба ҳаҷми сармоягузорӣ аз 3 то 10 сол муайян шудааст.

Президенти кишварамон барои шинос шудан бо иншооти бузурги саноатӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ, созмонҳои соҳаи иҷтимоӣ, ҳамчунин ба истифода супоридани лоиҳаҳои нав 31 октябр – 1 ноябри соли 2024 аз Навоӣ боздид ба амал оварда буд. Таъкид карда буд, ки дар ҳудуди вилоят 20 фоизи захираҳои маъдании Ӯзбекистон мавҷуд аст, ки тахминан беш аз 5 триллион долларро ташкил медиҳад.

Соли гузашта дар 48 корхонаи минтақа 51 лоиҳа татбиқ гардида, 185,6 миллион доллар азхуд гардид. Дар натиҷа барои 6198 нафар ҷойи нави кор таъсис ёфт. Инак, дар соли 2025 ба вилоят ҷалб кардани 3,7 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст, ки имкони кушодани 600 корхонаи нав ва созмон додани 15 ҳазор ҷойҳои нави кории сердаромадро фароҳам меоварад. Бо мақсади иҷрои нақшаҳои муайяншуда, ҷалби бештари сармоягузории берунӣ ҳокими вилоят Нормат Турсунов бо ҳокимони ноҳияҳо ва соҳибкорону кордонҳо борҳо ба мамлакатҳои Чин, Куриёи Ҷанубӣ, Туркия ва Русия сафарҳои корӣ анҷом додааст. Дар ин мамлакатҳо бо намояндагони ширкатҳо вохӯрӣ гузаронида, бо фаъолият ва таҷрибаи истеҳсолии онҳо аз наздик шинос гардида, оиди имконот ва шароит, муносибат ба сармоягузорон дар кишвар, мавҷудияти захираҳои табиӣ сармоягузорони хориҷиро шинос намуда, ба ҳамкорӣ даъват намудааст.

Минтақаи озоди иқтисодии «Навоӣ» ҷоест, ки дар он вазъи мӯътадили ҷамъиятию сиёсӣ, мавқеи мусоиди геосиёсӣ ва захираҳои бойи канданиҳои фоиданок барои беҳтар кардани рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Дар ин ҷо барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, рушди босуботи иқтисодиёт ва саноат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, барҳам додан ба камбизоатии оилаҳо, таъмини фаровонӣ ва шукуфоии кишвар тамоми шароит фароҳам оварда шудаанд. Бунёди биноҳои нави Донишгоҳи давлатии Навоӣ, корхонаи «Навоиуран», ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти абрешимӣ ва истеҳсоли лампаҳои каммасраф аз ҷониби ширкатҳои хориҷӣ бунёд ёфтаанд. Танҳо дар ноҳияи Нурато аз ҷониби сармоягузорон даҳҳо корхонаҳои истеҳсолии хурду калон бунёд ёфтаанд, ки дар онҳо садҳо нафар бо кори доимӣ ва сердаромад таъмин гардидаанд. Дар шаҳри Нурато бунёди корхонаи истеҳсол ва коркарди гранит, корхонаи истеҳсол ва коркарди санги мармар далели ин фикранд. Дар маҳаллаи Темирқовуқ ва даромадгоҳи деҳаи Соб 5 корхонаи чинои бо истеҳсоли тилло шуғл дорад. Ин ҳама комёбиву пешравиҳо маҳз натиҷаи ба даст даровардани истиқлолияти давлатии кишварамон буду ҳаст, ки Ватани моро сар то сари ҷаҳон мешиносанд. Чун пештар хабар дода будем, мувофиқи маълумоти Садорати омори вилоят дар моҳҳои январ ва феврали соли 2025 вилоят бо 61 давлати хориҷӣ муносибатҳои тиҷоратӣ анҷом додааст. Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ 265,1 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст. Ҳаҷми савдои берунӣ нисбати ҳамин давраи соли 2024 12,9 миллион доллар, ё худ 4,1 фоиз афзудааст. Ҳаҷми содирот 183,4 миллион ва импорт бошад, 81,7 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст.

Ин аст натиҷаи созандагию бунёдкории халқи Ӯзбекистон зимни таъсиси минтақаи озоди иқтисодӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба истеҳсолот, ки ин ҳама меваи истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ иебошад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Тибқи қарори Президент, бо мақсади рушди қобилияти сайёҳии вилояти Сурхондарё Маркази сайёҳии «Сангардак» бунёд мегардад. Арзиши умумии ин лоиҳа 913,3 миллиард сӯмро ташкил дода, 615 гектар заминро дар бар мегирад.***

# САНГАРДАК – МАРКАЗИ САЙЁҲӢ

Бо иштироки ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов, раиси Шӯрои идоракунии ҶСК «Туронбанк» Ҷорӣ Мирзоев ва соҳибкорони пуриқтидор муаррифии нақшаи генералии таҳияшуда дар 16 гектар майдони пешбинишудаи марказ баргузор гардид.

Дар он директори ширкати австриягии «INPUT Projektentwicklungs-GmbH» Ханнес Трибник иштирок намуда, дар бораи консепсия ва ҳалли лоиҳавии таҳияшуда муфассал маълумот дод. Нақшаи генералӣ бо назардошти релеф, манзараҳои табиӣ ва имконоти кӯҳию рекреатсионӣ таҳия гардидааст.

Лоиҳа ва пешниҳодҳои пешниҳодшуда мавриди муҳокима қарор гирифта, барои татбиқи онҳо тавсияҳои зарурӣ дода шуданд. Ҳамчунин, таъкид гардид, ки ҳафтаи оянда бо иштироки ташаббускорони лоиҳа корҳои амалӣ дар майдони пешбинишудаи сохтмони маркази сайёҳӣ оғоз мегарданд.

Барои маълумот: тибқи нақшаи генералӣ, дар ҳайати маркази сайёҳии «Сангардак» сохтмони 21 ресторан, қаҳвахона ва бар, 296 нуқтаи савдо, 4 меҳмонхонаи сеситорадор ва 2 меҳмонхонаи панҷситорадор, 10 хонаи меҳмонӣ, санатория, маркази фарҳангию фароғатӣ, роҳрави симин бо тӯли 1,6 км, трассаи «зиплайн» ва минтақаҳои пикник ба нақша гирифта шудааст.

Заминҳои интихобшуда барои татбиқи лоиҳаҳо марҳила ба марҳила ба музояда бароварда мешаванд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Дар ҳошияи як мавзӯъ*




# ЧАРО ВОЛИДОН АЗ ОН САР МЕКАШАНД?

***Дар мақолаи «Алимент: сар кашидан аз пардохт гуноҳи кабира аст», ки дар шумораи 60-уми «Овози тоҷик» (аз 26 июли соли 2025) чоп гардид, роҷеъ ба паҳлуҳои динии масъалаи сар кашидан аз таъминоти маънавию моддии фарзандон, напардохтани алимент аз нигоҳи Ислом диққат намуда, дар фарҷом таъкид кардем, ки дар мақолаи навбатӣ андешаҳои равоншиносонро оид ба масъалаи алимент пешкаши муштариён хоҳем кард. Зеро, таҳлили масъала аз дидгоҳи равоншиносӣ, бахусус равоншиносии оилавӣ, метавонад ба дарки амиқтари сабабҳои аслии сарпечӣ аз пардохти алимент мусоидат намояд.***

– Дар рушду такомули ҷомеа ҳамеша масъалаҳои муайяни мураккаби иҷтимоӣ ва равонӣ мавҷуд буданду ҳастанд, – мегӯяд мудири кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро, доктори фанҳои психология (DSc), профессор Акмал Назаров. – Бахусус, масъалаҳои марбут ба оила, ки ҷузъи асосии ҷомеа мебошад, инчунин муносибатҳои зану шавҳар, тарбияи фарзанд аҳамияти хоса доранд. Имрӯзҳо, чун дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, институти оила ва никоҳ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудааст. Тағйир ёфтани тасаввуроти ҷомеа дар бораи ин масъалаҳо бошад, боиси ба миён омадани як қатор мушкилот мегардад. Густариши фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва ворид шудани назару равишҳои гуногун, барои ташаккули механизм ва қоидаҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи арзишҳои оилавӣ заруратеро ба миён меорад. Ғамхорӣ ба фарзандон то ба синни камолот, таъминоти моддӣ ва таълиму тарбияи онҳо масъулияти ахлоқӣ ва ҳам маҷбурияти ҳуқуқии падару модарон мебошад. Аз ҷиҳати ахлоқӣ, ин масъулият бар асоси арзишҳои инсонпарваронаи динӣ ташаккул ёбад, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ қонунгузорӣ онро муқаррар менамояд ва ба тартиб медарорад. Дар ин самт маҷбурияти пардохти алимент аз ҷониби волидон низ молики аҳамияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Зеро алимент қарзи моддии падару модар ва ҳаққи маънавии фарзандон аст.

Бино ба таъкиди масъули соҳа маблағи алимент асосан барои таъмин кардани ниёзҳои асосии кӯдак, чун ғизо, манзил, таҳсил, кумаки тиббӣ ва ғайра истифода мешавад. Ин барои саломатӣ, рушди кӯдак таъсири мусбат расонда, баҳри онҳо шароити беҳтари зиндагиро фароҳам менамояд. Ҳамзамон, ҷиҳати нигоҳ доштани барқарорӣ ва сатҳи маъмулии зиндагӣ имкон медиҳад. Таъсири манфии эҳсосӣ ва равониро, ки пас аз пош хӯрдани оила ба миён меояд, як андоза камтар мекунад.

– Сад афсӯс, ки аксар падару модарон моҳияти ин масъаларо дуруст дарк намекунанд, – илова кард А.Назаров. – Вақте низоъҳои хонаводагӣ ва мушкилоти ҷудошавӣ ба миён меояд, яке аз ҷонибҳо, ки барои супоридани алимент уҳдадор мегардад, аз пардохт сарпечӣ мекунад, пинҳон мешавад ё рӯирост ин масъулиятро рад менамояд. Маҳз ба ҳамин хотир сол ба сол шумораи онҳое, ки алиментро саривақтӣ намесупоранд, меафзоянд. Савол ба миён меояд: чаро аксар волидайн аз пардохти алимент сарпечӣ мекунанд?

Бояд гуфт, ки ин масъала на танҳо бо сатҳи маънавӣ ва имконоти моддии онҳо, балки бо вазъи равонӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто ахлоқии эшон низ вобастагӣ дорад.

Бо такя ба таҳқиқотҳои равонӣ ва мушоҳидаҳо, метавонам омилҳои зеринро чун сабабҳои асосии сар кашидан аз пардохти алимент номбар кунам. Якум ба муносибатҳои ду ҷониб пеш аз ақди никоҳ вобаста аст. Яъне никоҳ на дар асоси ризомандии ду ҷониб, балки тибқи хоҳиши як тараф сурат мегирад ва баъди тӯй чеҳраҳои ҳақиқии онҳо фош мегардад. Зиддиятҳо ба миён меояд. Фурсате нагузашта оила пош мехӯрад, вале алакай дар байн фарзанд ҳаст. Дар чунин ҳолатҳо ҷониби дигар намехоҳад алимент супорад.

Дар бораи арзишҳои оилавӣ шуури мустаҳкам надоштан ва масъулияти ҳуқуқиву ахлоқии худро идрок накардани ҷонибҳо омили дигаре мебошад, ки барои сарпечии волидайн аз супоридани алимент сабаб мешавад. Сад афсӯс, ки баъзе волидон дар чӣ ҳад муқаддас будани оила ва чӣ гуна неъмати бузургу азиз будани фарзандро идрок намекунанд. Омили сеюм, мавҷуд набудани эҳсосоти воқеии ҳамдардӣ (эмпатия) миёни зану шавҳар аст. Яъне аксар зану марде, ки аз ҳам ҷудо мешаванд, нисбат ба якдигар асосан нафрат доранд, на меҳру шафқат. Маҳз ин боис мегардад, ки онҳо доим ба ҳам бадиро раво мебинанд. Мутаассифона, дар аксар маврид аз ин зиштиҳо на танҳо зан ё мард, балки фарзандони бегуноҳ зарар мебинанд. Чорум, набудани дахолати созанда аз тарафи падару модарон, хешовандони наздики зану шавҳар дар мавриди низоъҳои оилавӣ, таълиму тарбия ва таъмини фарзандон аст. Агар зан ё мард дар мавриди фарзанди худ ноҳақие кунанд, бояд калонсолон, бахусус, волидон онҳоро роҳ намоянд, маслиҳати дуруст диҳанд. Лекин дар чунин ҳолатҳо аксар инсонҳои рӯзгордида бепарвоёна рафтор мекунанд. Ва ҳатто гоҳо шоҳид мешавем, ки баръакс амал менамоянд. На роҳи ҳақ, балки усулҳои фанду фиребро меомӯзанд.

Яке аз омилҳои дигаре, ки барои аз пардохти алимент сар кашидани ҷонибҳо сабаб мешавад, бемақсад истифода кардани маблағ мебошад. Бисёр гувоҳ шудаем, ки аксар алиментгирандагон, бахусус, модарон маблағеро, ки барои таъминоти моддии фарзанд тақдим мегардад, барои эҳтиёҷоти шахсии худ сарф менамоянд. Ин ҳолат боиси эътирози барҳақи ҷонибҳо мешавад ва боз дар натиҷа танҳо як тоифа зери фишор мемонанду зарар мебинанд: фарзандон. Чунин раванд, ки «интиқом тавассути кӯдак» ном дорад, боиси шикастани робитаи эҳсосии падару модар бо фарзанд мегардад ва ба муҳити равонии кӯдак осеби ҷиддӣ мерасонад.

Дар ин маврид психологи маъруфи муносибатҳои оилавӣ, доктор Ҷон Готтман бамаврид таъкид кардааст, ки «Алимент танҳо як ӯҳдадории молиявӣ нест. Он нишондиҳандаи дараҷаи масъулияти шахсӣ ва ахлоқии падару модар нисбат ба фарзанди худ аст».

Ба гуфтаи ин профессори илмҳои равоншиносӣ аксар волидайн, махсусан мардоне, ки аз ҳамсар ҷудо шудаанд, алиментро на ҳамчун кумак ба фарзанд, балки чун «пул барои ҳамсари собиқ», ё ки чун «ҷазову ҷарима» барои муносибати номуваффақи гузашта қабул мекунанд. Ин хатои мафҳумӣ ва эҳсоси хашм метавонад онҳоро ба саркашӣ барангезад. Инчунин, ҳангоми дурӣ аз ҳаёти рӯзмарраи фарзанд, равобити байниҳамдигарӣ коста мегардад, шахс эҳсоси масъулиятро гум мекунад ва ҳисси «ҳуқуқ доштан» ба фарзанд аз байн меравад. Баъзе падарон (ё модарон) хулоса мекунанд, ки «Чаро бояд пардохт кунам, агар ман дар ҳаёташ нестам?» Ҳамзамон, психолог мегӯяд, ки «баъзе волидайн воқеан вазъи молиявии ноустувор доранд ва фикр мекунанд, ки пардохти алимент зиндагии онҳоро боз ҳам танг мекунад. Аммо дар бисёре аз ҳолатҳо саркашӣ на аз ночорӣ, балки аз бетафовутӣ ва беэътиноӣ ба масъулият сар мезанад. Бо вуҷуди доштани имконоти молиявӣ, бархе аз пардохти алимент худдорӣ мекунанд ва онро барои хароҷоти шахсии худ сарф менамоянд».

Вақте мулоҳизаҳои равоншиносони ҷаҳонро дар ин маврид таҳлилу баррасӣ мекунем, чунин хулоса бармеояд: мушкилоти алимент бояд на танҳо тавассути қонун, балки тавассути тарбияи маърифатии иҷтимоӣ, кумаки равонӣ ва баланд бардоштани ҳисси масъулият дар ҷомеа ҳал карда шаванд. Зеро фарзанд ҳақ дорад, ки ғамхорӣ ва дастгирии падару модарро дар ҳама шароит бигирад: новобаста аз муносибати онҳо бо ҳам. Бо як сухан, алимент на «ҳаққи ҳамсар», балки «ҳаққи кӯдак» аст ва ин ҳақ бояд бо муҳаббат, масъулият ва виҷдон ҳифз карда шавад.

**Фаридуни ФАРҲОДЗОД,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ӮЗБЕКИСТОНИЁН ДАР СОҲИЛИ ИССИҚКӮЛ

***Яке аз калонтарин ҳавзаҳои обӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ Иссиқкӯл дар шимоли-шарқии Қирғизистон доман густурдааст. Он дар миқёси ҷаҳон низ аз бузургтарин кӯлҳои кӯҳист. Дар баландии 1608 метр аз сатҳи баҳр, дар шимол бо кӯҳи Кунчай Олатов, дар ҷануб бо қаторкӯҳи Терзкай Олатов ҳамҳудуд мебошад. Масоҳати умумиаш 6326 метри мураббаъ, дарозиаш 175 километр. Ба Иссиқкӯл Ҷирғалон, Туп, Қарокӯл, Қизилсув, Оқсув барин дарёҳои хурду калон мерезанд.***

Соҳилҳои сабзу хуррами он аз давраҳои пеш диққати сайёҳонро ба худ мекашад. Пансионатҳо, курортҳо, истироҳатгоҳҳои зиёд дар ҳамаи фаслҳо эътибори дӯстдорони табиат, ҳамчунин онҳоеро, ки ба саломатиашон бефарқ нестанд, ба худ ҷалб мекунад. Хусусан дар фасли тобистон ин маскан хеле серодам мешавад. Иқлимаш басо мусоид. Дар соҳилҳои Иссиқкӯл ҳарорати миёнаи моҳи июл 16-17 дараҷа гарму халос.

Ба хотири офаридани шароитҳои мусоид барои равуои ҳамватанони мо ба Иссиқкӯл аз моҳи июни соли 2024 ба тарзи мавсимӣ хатсайри Тошканд – Иссиқкӯл ташкил карда шуд.

Муносибатҳо дар риштаҳои гуногун байни Ӯзбекистон ва Қирғизистон торафт мустаҳкам мешаванд. Барои боз ҳам баланд бардоштани дараҷаи сифатии ҳамкориҳо байни кишварҳои ҳамҷавор соли 2023 аз ҷониби роҳбарони ду давлат Декларатсияи таърихӣ ба имзо расид.

Дар давраи шӯравӣ яке аз пансионатҳои он ба заводи «Ташселмаш» мутааллиқ буд. Он солҳои ҳафтодум сохта шуд ва наздик 15 сол фаъолият бурд.

Маскани истироҳатӣ-тиббие, ки мавсимӣ кор мекард, ҳамагӣ аз 6 коттеҷ, ошхона, 2 бинои сеошёна ва чанд бинои хоҷагӣ иборат буд. Дар солҳои 1984-1986 сохтмони бинои ҳафтошёна сар шуд, вале бо сабабҳои гуногун сохтмон ба охир нарасид. Баъдтар пансионат аз фаъолият бозистод. Объект бенигоҳубин монд, якчанд бино ба истифода нолоиқ шуда монданд.

Дар доираи ҳуҷҷатҳои давлатии соли 2023 имзошуда Қирғизистон якчанд пансионатро ба Ӯзбекистон баргардонд. Дар байни онҳо фароғатгоҳи «Bo`ston Resort» ҳам ҳаст.

Дар рӯзҳои мо аз ҷониби Федератсияи иттиҳодияҳои касабавии Ӯзбекистон дар ин ҳудуд маҷмӯъҳои муолиҷавию истироҳатӣ барпо карда мешаванд. Мувофиқи лоиҳа маҷмӯа аз маскани истироҳатии мавсимӣ ва санаторияи муттасил амалкунанда иборат буда, корҳои сохтмониву таъмирӣ бо суръат идома доранд.

Чанде пеш дар қисми фаъолияти мавсимии он корҳои сохтмон-монтаж дар бинои кӯҳнаи ҳафтошёна ба охир расид. Дар ин ҷо 2 бинои сеошёна пурра мавриди навсозӣ қарор гирифт. Хобгоҳ бо 200 ҷой ва бинои маъмурият, тарабхона бо 250 ҷой, ҳавзаи калони оббозӣ, майдончаҳои кушоди волейболу футбол ва майдончаи варзишӣ барои бачаҳо, майдонҳои тренажёрӣ, ҳамчунин иншооти тозакунандаи оби равон сохта ва мавриди истифода қарор дода шудааст. Роҳравҳое, ки ба кӯл мебаранд, низ қобили таваҷҷуҳ, ду тарафи онҳо пур аз гулу гиёҳ. Барои саёҳат дар кӯл завракҳои замонавӣ харид гаштаанд.

Чанде пеш давраи нахустини баистифодасупории маҷмӯаи истироҳатии «Bo`ston Resort» баргузор гардид. Дар маросими тантанавии кушоиш фаъолони иттиҳодияҳои касабавии Ӯзбекистону Қирғизистон, эҷодкорон, зиёиҳо, ҳамчунин собиқадорони меҳнат аз ҷумҳурии ҳамсоя иштирок намуданд. Мувофиқи анъанаи аҷдод меҳмонон таҳти садои доира ва карнаю сурнай ба таври мутантан пешвоз гирифта шуданд.

Лентаи рамзии маскани истироҳатии «Bo`ston Resort» бурида шуд. Қуръон тиловат гашт. Дар бораи ҳамкориҳои кунуниву истиқболии ду мамлакат, мустаҳкамшавии риштаҳои дӯстиву бародарӣ байни халқҳои ҳамҷавор сухан ба миён омад. Изҳори умед карда шуд, ки минбаъд низ ин гуна дидорбиниҳо дар рӯзҳои нек бардавом бошанд, муносибатҳо дар ҳар ришта боз ҳам қавитар сурат гиранд.

Бунёдкориҳо дар соҳили Иссиқкӯл аз ҷониби бинокорони дасташон гули ӯзбекистонӣ бо суръат идома мекунад. Дар ин ҷо ояндаи наздик биноҳои замонавӣ барои хидматчиён, истгоҳҳои автомобилӣ, фурудгоҳ барои авиапарвозҳо, дар соҳили кӯл бошад, пляжҳои ба талаботи замон созгор ва айвончаҳо барои дамгирӣ сохта мешаванд.

Имконият фароҳам меояд, маҷмӯаҳои истироҳативу муолиҷавӣ дар як вақт 400 нафарро қабул кунанд. Дар давоми сол наздик 5 ҳазор нафар аз хидмати тиббӣ ва истироҳату фароғат баҳра бурда метавонанд.

Ба истифода супурда шудани объект нафақат барои равнақи сайёҳӣ дар минтақа, барпои ҷойҳои нави корӣ, балки дар роҳи мустаҳкамсозии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва боз ҳам ба якдигар наздикшавии халқҳои бародар хидмат хоҳад кард.

Иродаи қатъии сиёсии роҳбарони ду давлат дар солҳои охир ба шаклу мазмуни нав касб кардани робитаҳои дуҷониба мусоидат сохта, ба бунёдкориҳои тоза дар ду ҷумҳурӣ ва ба рамзи дӯстӣ табдил ёфтани онҳо заминаҳо меофаранд.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ҶАШНВОРАИ «ДӮСТӢ» – ЗУҲУРОТИ ҲАМБАСТАГӢ

## «ЗАКОВАТ» – БОЗИИ ДӮСТӢ

***Чун дар кишвари мо бештар аз сад қавму миллат зиндагӣ доранд, ба дили ҳар яки онҳо роҳ ёфтан, ҳамаро ба як чашм дида, шароиту имконоти лозимро фароҳам овардан мақсади асосии роҳбари раёсат ва мақомоти дахлдори давлатӣ ба шумор меравад. Амалӣ шуда истодани ин сиёсати хирадмандонаро дар айёми таҷлили «Рӯзи дӯстӣ» тамоми мардуми Ӯзбекистон равшану возеҳ мушоҳида мекунанд.***

Минҷумла, 30 июл дар яке аз гӯшаҳои босафои ноҳияи Нурато, дар шаҳраки Темирқовуқ вохӯриҳои гарму самимии сокинони деҳаҳои атроф ба вуқӯъ пайваст, ки омехта аз миллатҳои ба ҳам дӯсту бародари тоҷик, ӯзбек ва қазоқ буд. Он ба ҷашнвораи бошукӯҳи дӯстӣ табдил ёфт. Аз ҷумла, дар мактаби рақами 32-юм барномаи васеи фарҳангӣ таҳти шиори «Барои Ватан, барои миллат, барои халқ!» баргузор гардид. Дар доираи ин ҷашнвора донишомӯзони тоҷику ӯзбеку қазоқ бо завқу шавқи беинтиҳо дар бозии интеллектуалии «Заковат», озмуни санъати тасвирии «Меҳани азиз бо ҷилои рангҳо» ва озмуни шеърхонии «Қасидаи Ватан» иштирок ва қувваозмоӣ карданд.

Дар ҷашнвора он чиз муҳиму қобили таваҷҷуҳ буд, ки аз лабони ширкаткунандагон табассум канда намешуд, ҳама бо забони дил бо якдигар гуфтугӯ мекарданд, аз баромаду посуху шеъргӯйии ҳамтоёни худ завқ мебурданд. Баромадҳо ба забонҳои тоҷикию ӯзбекию қазоқӣ садо медоданд, ҳайати доварон, ки иборат аз намояндагони ҳар се забон буданд, донишу маҳорати донишомӯзонро аз рӯйи номинаҳои ёдшуда одилона арзёбӣ ва ғолибонро эълон карданд.

Дар бозии зеҳнии «Заковат» ҷамоаҳои хирадварзи мактаби 32-юм, мактаби 49-ум ва ҷамоаи омӯзишгоҳи рақами 1-ум аз беҳтаринҳо дониста шуданд.

Дар офаридани ҳусну ҷамоли дилчаспи Ватан бошад, донишомӯзон Дилнура Умарова, Ҷоннур Аллоҳберганов ва Шабнам Фазлиддинова бо суратҳои мафтункори худ дастболо гардиданд.

Шеърхонии ширкаткунандагони ҷашнвора низ ба як маъракаи завқовари мушоира табдил ёфт. Дар толор садои писару духтараконии тоҷику ӯзбеку қазоқ чунон дилнишин мебаромад, ки намешуд якеро бар дигаре бартар донист. Бо ин ҳол, ҳайати доварон қироати Наргиза Фазлиддинова, Гулнор Бектурсунова ва Сафина Сатторовaро аз ҳама муассиру беҳтар шумориданд.

Дар поёни ҷашнвора тақдир намудани ширкаткунандагони озмунҳо аз рӯйи ҳар се номина ба ҳусни ҷашнвора ҳусни бештар ато намуд. Он рӯз хурсандии хурду калон интиҳо надошт, ҳама даст ба дасти ҳамдигар дода, аз файзу таровати дӯстӣ нашъа мебурданд, аз фазои неки ҳамгароӣ шоду масрур буданд.

**Воҳид ҚОБИЛОВ,**
**роҳбари бахши маънавият ва маърифати ҳокимияти ноҳияи Нурато.**



## ИД ДАР ДОНИШГОҲ

***Ба муносибати 34-солагии истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон ва Рӯзи дӯстии халқҳо 30 июл дар Донишгоҳи давлатии Бухоро бо ҳамкории бахши вилоятии Фонди ҷамоатии дастгирии институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ зери шиори «Барои Ватан, барои миллат, барои халқ» дар мавзӯи «Дӯстии халқҳо – ягонагии мамлакат» тадбири маънавию маърифатӣ баргузор гардид. Дар он роҳбарони марказҳои миллию мадании вилоят, устодон-профессорони донишгоҳ иштирок карданд.***

Маълум аст, ки Бухорои бостонӣ тӯли асрҳо чун яке аз гаҳвораҳои тамаддуни Шарқ шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. Ҳоло дар вилоят 12 маркази миллию маданӣ фаъолият доранд.

– Алҳол дар вилоят қариб 4 ҳазор аҳолии мансуб ба қавми турк зиндагонӣ мекунанд. Мо чун аъзои як оила бо қавмҳои дигар аҳлу тифоқ умр басар мебарем. Ӯзбекистон маъвои умумии мост. Бо ташаббуси сарвари давлат барои маркази мо низ кулли имкониятҳо фароҳам оварда шудааст. Дӯстӣ иқтидори беҳамтои мост, – мегӯяд роҳбари Маркази миллию мадании турки вилоят Ҷумъа Шукуров.

Дар тадбир ба марказҳои милливу маданӣ барои саҳми муносибашон дар таҳкими дӯстӣ туҳфаҳо супорида шуданд.

– Боиси шодмонист, ки дар диёрамон як ҳафта боз тадбирҳои дӯстӣ сурат мегиранд. Ҳаммаслакию мақсади ягонаи халқҳои Ватан, бешубҳа, моро сарбаланду шод мегардонд, – гуфт роҳбари маркази миллию мадании тоҷикону форсҳои вилояти Бухоро – «Офтоби суғдиён» Рауф Авезов.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## «МУШОИРАИ БАРОДАРОНА»

***Имрӯзҳо дар саросари мамлакат ҷашнвораи «Дӯстӣ» бо як рӯҳияи баланд, шодиву сурури миллату халқиятҳои бо ҳам дӯсту бародари Ӯзбекистон идома дорад.***

Дар чаҳорчӯби ҷашнвора дар Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон чорабинии маънавиву маърифатии «Мушоираи бародарона» баргузор гардид. Дар долони Иттиҳодияи нависандагон намоиши китобҳо ташкил карда шуд ва меҳмонон бо асарҳо, рисолаҳо ва дастурҳои миллатҳои мухталиф ошно гардиданд.

Раиси Иттиҳодияи нависандагон Сироҷиддин Саййид ҳозиронро бо ҷашнвораи «Дӯстӣ» муборакбод намуда, таъкид намуд, ки дар Ӯзбекистон намояндагони миллат ва халқиятҳои гуногун аҳлона ва бародарона зиндагӣ мекунанд ва дар байни онҳо эҷодкорон, шоиру нависандагоне ҳастанд, ки ба рушди адабиётамон ҳиссаи худро мегузоранд.

– Ҷашнвораи «Дӯстӣ»-и имсола низ ҳамчун иди дӯстӣ, бародарӣ ва ҳамҷиҳатӣ бо як рӯҳияи баланд ҷашн гирифта шуд. Гуфтан ҷоиз аст, ки бо ташаббуси Президентамон маҷмӯи китобҳои калонҳаҷми «Туркий адабиёт дурдоналари», «Жаҳон адабиёти дурдоналари», «Қорақалпоқ адабиёти дурдоналари» ва ғайра рӯйи чопро диданд ва корҳои пай дар пай дар ин самт идома доранд ва ин аз ҳаётбахш ва гиромидошти адабиёт дарак медиҳад, – гуфт С. Саййид.

Раиси Кумитаи доир ба муносибатҳои байналмилалӣ ва масъалаҳои ҳамватанони бурунмарзӣ Қаҳрамон Сариев оиди чорабиниҳои маънавию маърифатӣ, намоишгоҳҳои дӯстӣ, барномаҳои консертӣ, ки дар доираи ҷашнвора баргузор гардиданд, ҳарф зад ва таъкид намуд, ки албатта, чунин гирдиҳамоиҳо баҳри сулҳ, бародарӣ ва ҳамҷиҳатии халқҳову миллатҳо хидмат мекунад. Дар доираи чорабинӣ тақдимоти китобҳои «Девон»-и Паймон, (қисми 2), Асадуллоҳ Исмоилзода бо номи «Навиштам, ҳар чӣ виҷдонам бифармуд», «Ҳаёт гӯзал бағоят»-и Николай Илин, «Қарасу жирлари»-и Лола Юнус қизи, «Суюмбика»-и Рисолат Ҳайдарова баргузор гардиданд. Инчунин, нависанда Исаҷон Султон, раиси шӯрои адабиёти тоҷик Хусрави Саъдулло, раиси шӯрои адабиёти рус Артём Горохов ва дигарон оиди боз ҳам мустаҳкам намудани алоқаҳои адабии халқҳо ҳарф заданд. Бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, қазоқӣ, русӣ ва дигар шаби мушоира ташкил карда шуд. Ҳаводорони шеъру адабиёт бо забонҳои мухталиф шеърҳо қироат намуданд, ки Ватан, истиқлол, дӯстиро тараннум менамуданд.

Дар поёни чорабинӣ як гурӯҳ эҷодкорон, аз ҷумла Ҳикмат Султонзода, ки ба забони тоҷикӣ эҷод мекунад, ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон пазируфта шуданд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

## ДИЛҲО БО ҲАМ ПАЙВАНД



***Солҳои охир ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Президент эътибор ба таҳкими дӯстии халқҳо хеле афзуд. Бо мақсади қавитар гардондани робитаи байни миллатҳо, пойдории сулҳу амният ва рушди дӯстии халқҳо 30 июл дар миқёси ҷаҳон ҳамчун Рӯзи дӯстии халқҳо қайд гардид.***

Ба ҳамин муносибат дар диёри офтобрӯямон низ 25-31-июл ҷашнвораи «Дӯстӣ» баргузор гардид.

Аз ҷумла, он дар вилояти Намангон таҳти мавзӯи «Ӯзбекистон – хонаи умумии мо» ҳамчун иди дӯстӣ, сулҳу амният таҷлил карда шуд.

Дар ноҳияи Чуст, дар боғи маданият ва истироҳати ба номи Мавлоно Лутфуллоҳ низ иди дӯстӣ баргузор гардид. Намоишгоҳҳое, ки анъанаҳои миллиро инъикос мекунанд, аз ҷониби намояндагони муассисаҳои таълимӣ ва вакилони маҳаллаҳо ташкил карда шуданд.

– Аз Фарғона бо аҳли оила барои истироҳат омадем, – мегӯяд яке аз иштирокдорони тадбир, ки худро Манзурахолаи 70-сола муаррифӣ намуд. – Ман чун омӯзгори собиқ гуфтаниам, ки ин гуна чорабиниҳо хеле заруранд. Мо бояд фарзанду наберагонамонро, пеш аз ҳама, шахсони дорои дониши амиқ ва софдили ба халқу Ватан содиқ, дар пешравии он саҳмгузор тарбия намоем.

Дар тадбир намояндагони миллатҳои гуногун бо барномаҳои ҳунарии худ иштирок карданд. Ҳаваскорони бадеӣ ва дастаҳои фолклорӣ дастурҳои рангини худро намоиш доданд. Сурудҳо дар васфи дӯстӣ, сулҳу ваҳдат ва модару ватан, ки бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ, русиву қазоқӣ садо доданд, дилҳои ҳозиронро шоду тасхир намуданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# ОДАМОН АЗ ДӮСТӢ ЁБАНД БАХТ

***Фестивали «Дӯстӣ», ки ҳоло дар саросари кишварамон баргузор мешавад, намояндагони миллату қавмҳои гуногунро ба ваҳдату ҳамгироӣ даъват мекунад, эҳтироми ҳамдигар ва гуногунии фарҳангиро ба оммаи васеъ тарғибу ташвиқ менамояд ва дар мустаҳкамшавии решаҳои дӯстиву рафоқат нақши созанда мебозад.***

Дар тамоми ҷашнвораҳои дӯстӣ, намояндагони миллату қавмҳои гуногун бо суруду рақсҳои миллӣ, либосҳои рангоранг, таомҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ширкат мекунанд ва ин раванд беш аз пеш вусъат пайдо намудааст.

Чунин чорабинӣ таҳти унвони «Ӯзбекистон – маъвои умумии мо» дар ноҳияи Бешариқ ба вуқӯъ пайваст. Ин ба муносабати Рӯзи дӯстии халқҳо роҳандозӣ гардид ва дар он намояндагони миллатҳои гуногун, фаъолони маҳаллаҳо, ҷавонон, омӯзгорон, намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ширкат варзиданд.

Чорабинӣ нахуст дар Маркази иттилоотию китобхонаи ноҳия баргузор шуд. Директори марказ Ҷасурбек Норматов зимни суханронии худ иброз дошт, ки принсипҳои дӯстиву рафоқат дар кишвари мо яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатист.

– Ӯзбекистон кишвари сермиллат аст, дар китобхонаҳои мо осори муаллифони миллатҳои тоҷик, рус, қирғиз, қазоқ, корейс, озарбойҷон ва дигар миллатҳо гирд оварда шудаанд, ки ин ифодаи равшани эҳтиром ба фарҳангу адабиёт ва таърихи ҳар як халқ аст. Ҳар сол дар ин сана мо намоишгоҳҳои махсуси маънавию маърифатӣ ташкил мекунем, – иброз намуд Ҷасурбек Норматов.

Чорабинӣ дар Маркази фарҳангии ноҳия идома ёфт. Дар ин ҷо бо суннатҳои мардумӣ, сару либоси миллӣ, намоишҳои саҳнавӣ, шеъру сурудҳо ғояи ҳамфикрии байналхалқӣ васеъ инъикос карда шуд. Дар ин чорабинӣ муовини ҳокими ноҳия Отабек Алиматов, роҳбари Маркази миллии фарҳангии қирғизҳои вилоят Нортоҷӣ Халибоева ва намояндагони маркази фарҳангии тоҷику қазоқро ба муносибати фарорасии Рӯзи дӯстии халқҳо самимона шодбош ва онҳоро хайрамақдам гуфт.

– Ӯзбекистони Нав сарзамини ваҳдат, сулҳу субот ва дӯстӣ буда, ҳар як миллат ин кишварро хонаи худ медонад. Мо бояд аз чунин шароити фароҳамовардашуда илҳоми тоза гирем ва боз ҳам барои таҳкими дӯстиву рафоқати байни миллатҳои маскуни кишвари азизамон саҳми шоиста гузорем, – изҳор намуд Алиматов.

Баъд оиди мавзӯи дӯстию рафоқат ва таҳаммулпазирӣ ба забонҳои гуногун шеърҳо хонда шуданд, намоишномаҳо рӯи саҳна оварда шуданд, ки маҳз ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудаанд. Дар идома суруду рақсҳои миллӣ барномаи фарҳангиро боз ҳам бештар ҳусни хоса бахшиданд.

Ногуфта намонад, ки дар доираи чорабинӣ таҳти унвони «Дӯстӣ бузургтарин неъмат аст» намоиши адабию бадеӣ ташкил карда шуд. Дар он китобҳо ба забонҳои гуногун, хосатан асарҳо дар бораи тараннуми дӯстии байни миллатҳо ва маводҳои таърихӣ ба намоиш гузошта шуданд ва мавриди таваҷҷӯҳи мардуми зиёд қарор гирифтанд. Илова бар ин, дар маркази фарҳанги ноҳия намоишгоҳи таомҳои миллӣ, либосҳо, ҳунарҳои мардумӣ ва ороишоти миллӣ ташкил карда шуд, ки ба иштирочиёни он таассуроти амиқ бахшид.

Чунин чорабиниҳо таҳти шиори «Ӯзбекистон – хонаи умумии мо» на танҳо дар Бешариқ, балки дар дигар навоҳии вилоят низ идома доранд. Ҳадаф мусоидат ба ҳамдигарфаҳмӣ байни намояндагони миллатҳои гуногун барои боз ҳам таҳкими риштаҳои дӯстӣ ва дар



қалби насли наврас бедор намудани ҳисси таҳаммулпазирӣ, меҳрубонӣ ва эҳтироми ҳамдигар мебошад.

– Боиси ифтихор аст, ки дар чаҳорӯби фестивали дӯстӣ як қатор вохӯриву мулоқотҳои шавқовар ва суҳбатҳои самимии аъзои гурӯҳи мо – Маркази фарҳангии тоҷикони вилоят бо мардуми маҳаллӣ, инчунин намояндагони қавмҳои дигари ин ноҳия баргузор шуданд. Дар меҳвари он сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат ва дар ҳаёт татбиқ намудани ғояҳои дӯстие тараннум гардиданд, ки ба он Мавлоно Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ асос гузоштаанд, – мегӯяд масъули барномаи «Армуғон»-и радиои вилоят Фархунда Равшанзод.

Фестивали дӯстӣ дар вилоят беш аз пеш доман фарох намудааст ва ба сайрҳои мардумӣ ва базму нишот табдил ёфтааст.

**Дурдона ҒАФФОРОВА,**
*вилояти ФАРҒОНА.*

*Минбари хонанда*

### БА КОРИ ХАЙР ДАСТ ЗАНЕМ

***Хушбахтона, мо дар кишваре умргузаронӣ менамоем, ки Ӯзбекистони офтобрӯя ном дорад. Ҳар меваю сабзаворе, ки дар диёри ҳосилхези мо пухта мерасанд, дорои витаминҳои бой буда, баҳри ғизо муфид мебошад. Махсусан, себу олу, зардолую шафтолу ва харбузаю тарбузе, ки дар воҳаи мо парвариш меёбанд, хеле хуштаъм буда, пиру ҷавон онро бо иштиҳои зиёд тановул менамоянд.***

Алҳол барои мо – мактаббачагон таътили тобистона гузашта истодааст. Аксарияти ҳамсолонамон бошанд ин давраро барои худ «мусоид» ҳисобида, кӯчагардию бекориро ихтиёр менамоянд. Ҳамин ки чашмашон ба меваю сабзавот, ки албатта он соҳиби худро дорад, афтид, нопурсида, яъне ба он даст зада, истеъмол намуданро афзал мешуморанд. Ба андешаи камина аз соҳибони кишту боғ ва полиз напурсида чида гирифтан ва ё истеъмол намудани он аз амалҳои ношоиста маҳсуб меёбад.

Ҳамсолони гиромӣ, ба ивази ин, ба хонадони мӯйсафедону куҳансолони деҳу гузар ва ё маҳалла рафта, ба корҳои хоҷагиашон кумак расонем, ё ин ки ба ғунучини меваю сабзавот ва маҳсулоти полизиашон ёрии беғаразона расонем, эшон аз мову шумо як ҷаҳон миннатдор мегарданд. Бар замми ин аз меваю сабзаворе, ки онҳо парвариш менамоянд (албатта бо иҷозати онҳо) тановул намудан низ имкон пайдо мешавад.

Биёед ҳамсолони азиз, таътили пурзавқро хушу хотирмон гузаронем. Бештар ба корҳои хайру ибратбахш даст зада, аз насли куҳансол дуои нек бигирем. Инчунин, меҳнати ҳалол намуданро биомӯзему дар кӯраи он худро обутоб бидиҳем. Зеро беҳуда нагуфтаанд: «Меҳнат ҷавҳари инсон аст!»

Ҳамсолони азиз! Дар ҳама давру замон меҳнати ҳалол ба инсон рӯсурхию сарбаландӣ меорад. Агар хоҳем, ки мо низ рӯсурху сарбаланд гардем, аз корҳои ношоиста даст кашида, софдилонаву таҳтидилӣ меҳнат намуданро биомӯзем.

**Шукрона РӮЗИҚУЛОВА,**
**хонандаи синфи 8-уми мактаби рақами 79-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

### БИНОИ НАВИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ

***Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Тӯли ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона биноИ нави муассисаи таълими томактабӣ ба истифода дода шуд. Ин бино ба муассисаи таълимии томактабии рақами 18 мутааллиқ буда, дар доираи барномаи сармоягузорӣ пурра аз нав сохта шудааст. Барои анҷоми корҳои сохтмонӣ 6 миллиард сӯм маблағ харҷ гардидааст. Ин корҳо аз ҷониби коргарони ҶММ «Мирзоқурбон» анҷом дода шудааст, ки дар ин бора масъули дафтари матбуоти ҳокимияти ноҳия Анвар Ҷӯраев иттилоъ дод.***



Бар асоси ин манбаъ дар маросими кушодашавии бинои бозсозишуда сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ ва мактабҳои вилоят Шерзод Долимов, ҳокими ноҳия Сайидбаҳром Сайидмӯсоев, роҳбарони ташкилотҳои дахлдор ва аҳли ҷомеа ширкат варзиданд.

Нотиқон зимни суханронӣ роҷеъ ба беҳбуди шароит барои кӯдакони мамлакат, таваҷҷуҳ ба равандҳои таълиму тарбия ва самтҳои афзалиятноки сиёсати Сарвари давлат ибрози назар намуданд.

Дар ин муассисаи таълимӣ 210 нафар кӯдакони сокинони деҳаи Тӯл дар 6 гурӯҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта шуданд. Ин кӯдакон аз тамоми шароити созгор баҳраманд хоҳанд шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Варзиш***

### «БАРОИ ВАТАН, МИЛЛАТ ВА ХАЛҚ»

***Дар Мактаби шоҳмоти маҳаллаи Хаймари Болои ноҳияи Самарқанд, ки роҳбараш Ҳазрат Имомов аст, бо ташаббуси Шӯрои ноҳиявии Ҳизби халқиву демократии Ӯзбекистон дар ҳамкорӣ бо ҷамоати шаҳрвандони маҳалла миёни шатраҷбозони маҳаллаҳои тобеи сектори якум мусобиқаи шоҳмот баргузор гардид.***

Дар ин озмун, ки ғояи «Барои Ватан, барои миллат, барои халқ»-ро дар худ муҷассам намуда, ба истиқболи 34-солагии истиқлолияти Ӯзбекистон, босамар гузаронидани «90 рӯзи зарбдор» гузашт, шаҳрвандони аз чорсола то бистсола, аз 21-сола то 40-сола, аз 41-сола то 60-сола ва аз он боло сари тахтаи шоҳмот нишастанд. Иштироки роҳбари маҳфили шоҳмотбозони маҳаллаи Ӯрташиқ бо сарварии Муҳаммад Султонмуродов ва шогирдони худ муҳтавои озмунро боло кард. Дар мусобиқа аз рӯйи синну сол Азамат Метинқулов (маҳаллаи Чоршанбе), Масрур Акбарзода (маҳаллаи Ӯрташиқ), Давлат Шаҳҳобов (маҳаллаи Хаймари Боло) миёни то бистсолаҳо ғолиб шуданд. Сардор Абдуҳошимов ва Бахтиёр Камолов (Хаймари Боло), Дамир Шодиев (Чоршанбе) дар байни бозингарони то чилсола ғалаба ба даст оварданд. Нодир Ҳасанов (Мирзо Улуғбек), Муин Зайниев (Хаймари Боло), Иззатулло Ҳоҷиев (Ӯрташиқ) дар миёни то шастсолаҳо пирӯз гаштанд.

Маҳорати ғолибони аз шастсола боло Абдурафиқ Ҳакимов (Бӯзӣ), Муҳаммад Султонмуродов (Ӯрташиқ), Ҳазрат Имомов (Хаймари Боло) басо бомаҳорат ва касбӣ буд. Мусобиқа варзишгарони маҳаллаҳои атрофро пайванд намуд ва барои озмунҳои оянда роҳ кушод.

Дар охир ба раиси маҳаллаи Хаймари Боло Мӯнисҷон Муҳиддинов барои чунин иқдоми некашон ташаккур изҳор дошта, ба ғолибони озмун диплом ва тӯҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

**Зокирҷон ДАВРОНОВ,**
**раиси Шӯрои ноҳиявии ҳизби халқиву демократии Ӯзбекистон.**

# МОДАРАМ – РОҲНАМОИ ЗИНДАГИАМ

Модар ин маънои ҳаёт аст. Тифли навзод нафаси аввалро аз модар мегирад, навозишу муҳаббати модар фарзандро аз хавфу хатар ва ғаму озор нигоҳ медорад. Барои ман, модарам на танҳо шахси азиз, балки тамоми ҳастӣ ва нурест, ки зиндагиро маъно мебахшад.

Модари ман — Боғинисо, бонуи хоксору боҳиммат. Бобоям — Орифҷонпаҳлавон бо орзуҳои неку самимӣ ба модарам номи пурмаъно гузоштааст. Ӯ мехост духтараш боғе бошад, пур аз файзу баракат ва ҳамеша дар сабзиш. Воқеан, модари ман мисли як боғи пурмевае шуд, ки меваҳояш имрӯз шаҳдбор анд.

Момоям холаи Марҳамат зани фидокору меҳрубон, духтарашро бо тамоми вуҷудаш дӯст медошт. Мутаассифона, имрӯз ҳар дуи онҳо — бобоям ва модаркалонам дар байни мо нестанд, вале ёдашон зиндаву муҳаббати онҳо дар қалби мо абадӣ боқист.

Модарам дар деҳаи кӯҳистони ноҳияи Сӯх ба воя расидааст. Зиндагии деҳот сахту сангин, меҳнати тоқатфарсоро талаб мекунад. Модарам аз кӯдакӣ шоҳиди заҳмати падару модараш буд ва худ бо меҳнату муҳаббат тарбия ёфт. Дар ҷавонӣ ҳамроҳ бо духтарони деҳа, бо сатилҳои об ба сӯйи чашмасор мерафт. Он обро бо меҳр меовард, оби ҳаётро ба орди сафед андохта хамир меҷӯлид ва нон мепухт. Маззаи нони гарми модарро ҳар як фарзанд то охири ҳаёт фаромӯш намекунад. Ман он манзараҳоро аз кӯдакӣ хуб дар ёд дорам: модарам субҳидам нон мепухт ва онро дар дасторхони сафед мепечонд, то он гармакак ба дасти мо бирасад. Баробари нон барои мо гӯё як ҷаҳонро мебахшид.

Имрӯз модарам дуогӯ ва сутуни хонадонам ҳастанд. Ҳамроҳи падари азизам бо муҳаббату шукронаи зиндагӣ, дар як гӯшаи хонаи деҳ, бо самимият ва оромӣ умр ба сар мебаранд. Модар ба ҳаққи мо – фарзандон дуо мекунад ва он дуоест, ки моро аз тирагиҳо ба равшанӣ, аз ноумедӣ ба умед, аз хатар ба наҷот мебарад.

Он муҳаббате, ки модар ба мо бахшидааст, имрӯз ман талош мекунам онро ба шогирдонам диҳам. Ҳар гоҳ номи модарам ба забон меояд, бо эҳсоси пур аз фахр мегӯям: ҷойи зиёратам модарам, фариштаи рӯи замин — модарам.

Шоире фармудааст:

*Хоки পояш сурмаи чашми сар аст,*
*Дар ризояш ҷаннате пеши дар аст.*
*Баҳри ҳурмат лоиқи мо кист, кист?*
*Модар асту модар асту модар аст.*
*Шири покаш лаззате аз кавсар аст,*
*Аз ҳама шириниҳо ширинтар аст.*
*Баъди ҳақ чун розиқи мо кист, кист?*
*Модар асту модар асту модар аст.*

– Имрӯз ман модари се фарзанд ҳастам, ки ҳамаашон хонадор, соҳиби фарзанд, меҳрубон ва дилсӯзу хоксоранд. Ду писарам — Бунёд ва Шоҳзод омӯзгор. Духтарам — Санамхон бо тарбияи фарзандонаш машғул аст.

Ҳар субҳ, ки чеҳраи зебои набераҳоямро мебинам, қалбам мисли гули баҳорӣ мешукуфад. Шукрона мекунам, ки дар диёри ободу зебо, тинҷу осоишта фарзандону набераҳоямон ба воя мерасанд.

Ду келинам мисли духтаронам ҳастанд — бо эҳтиром ва муҳаббат зиндагиро пеш мебаранд. Дарвозаи ман барои меҳмон ҳар доим боз аст. Вақте сари дасторхон мешинем, дуо мекунам: шукри Худо, ки ҳамаи фарзандонам хонаву дар, фарзанду оила доранд. Ин барои ман хушбахтӣ аст. Бигзор, ҳар хонадон чунин оромиву муҳаббатро эҳсос кунад, – мегӯяд модарам.

– Туфайли оилапарвар, меҳрубон ва ғамхории ҳамсарам — Боғинисо, имрӯз ҳамаи фарзандонамон зиндагии ободу босаодат доранд. Беҳуда нагуфтаанд, ки «Зан чароғи хона – мард чароғбон», – мегӯяд падарам.

**Бунёд ШОМАТОВ,**
**омӯзгори мактаби рақами 8-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**




# БА КОР ОР ИЛМЕ, КИ ОМӮХТӢ...

Амаки Маҳмуд баъди дарс ба хона баргашт. Дар хона низ ҳушу хаёлаш ба донишҷӯён банд буд. Ӯ дар факултети иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дарс медод. Аҷиб, донишҷӯе, ки волидонаш барои таҳсили ӯ шароити хубу созгорро муҳайё намудаанд, ба дарсҳо хунукназарона муносибат мекунад, аммо донишҷӯе, ки дониши хуб дорад, дар корҳои ҷамоатии донишгоҳ фаъол аст, наметавонад ҳаққи иҷора ва дигар харҷи таҳсилро пардозад.

Маҳмуд Нурназаров, ки худ зодаи деҳаи дурдасти Эҷи ноҳияи Нурато асту азоби дар шаҳр таҳсил намуданро медонад, ҳаракат мекард, ки донишҷӯёни роҳдурро дар хобгоҳ ҷойгир созад. Барои ин дари утоқи чанд масъулинро бояд кӯфт...

Бо чунин хаёлҳо хост каме дароз кашаду хастагиашро барорад. Ҳамин вақт овози маҳини духтараш ӯро ба худ овард:

– Додоҷон, чой менӯшед?

– Бале, духтарам, биёр.

Нодира чойнаки чой ва ду пиёларо оварда, назди падар гузошт. Амаки Маҳмуд ба духтараш маънидорона назар андохт: »Ҳар як фарзанд хулқу атвори ба худ хос дорад. Ҳамин Нодирааш аз миёни бачаҳояш дигар хел. Меҳнаткаш, меҳрубон, дилсӯз. Корҳои хонаро низ зуд-зуд анҷом дода, аз пайи китобхонию дарсаш мешавад. Ояндаааш дурахшон аст...».

Нодира баъди хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳояшро ба факултети иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон супурд. Хушбахтона, донишҷӯ гардид. Дар донишгоҳ низ миёни талабагон ангуштнамо буд. Баъди хатми донишгоҳ бо тақозои тақдир оилаи онҳо ба шаҳри Гулистони вилояти Сирдарё кӯч баст. Нодира фаъолияти кориашро ба ҳайси ҳисобчии корхонаи «Агромашсервис»-и шаҳри Гулистон оғоз намуд. Аз соли 1999 то соли 2023 ҳамчун ҳисобчӣ дар корхонаву ташкилотҳои гуногуни давлатӣ кор кард. Аз соли 2023 то имрӯз ба ҳайси сардори шуъбаи хазинадории ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарёи Кумитаи хидмати хазинадории назди Вазорати иқтисодиёт ва молияи ҷумҳурӣ фаъолият бурд.

– Хотираҳои неке аз айёми кӯдакӣ дорам. Падару модарам, ёдашон гиромӣ бод, омӯзгор, инсонҳои фарҳангдӯст буданд. То рӯзҳои вопасини умр меҳнат карданд, ҳафт фарзандро тарбия намуда, илм омӯзонда, ба роҳи шебу фарози зиндагӣ омода намуданд. Духтари зирак будам, ҳам ба фаъолияти падар таваҷҷуҳ доштаму ҳам мехостам мисли модар ҳунарманд – дӯзандаю пазанда ва тарбиятгар, инсондӯсту меҳмоннавоз бошам. Аз деҳаҳои дурдаст меҳмонон – хешу табор ва ҳамдеҳагону дӯстони падарам меомаданд. Ҳолатҳое мешуд, ки бо кору ташвишҳои онҳо андармон шуда, ба машғулияти мо – фарзандон вақт намеёфтанд. Қиблагоҳам сарфи назар аз омӯзгорӣ шеър эҷод мекарданд, китобҳо менавиштанд. Ба фарзандон доим насиҳат мекарданд: «Дасти фитода бигиред, ба бенавое ёрӣ расонед, сари ятимеро сила бинмоед, хешшиносу дӯстпарвар шавед. Фақат некӣ кунед».

Падарам духтаронашро дӯст медошт, зан дар оилаи мо чун баракоти хона мавқеи баландро соҳиб буд. Аз хурдӣ орзуи дар ягон корхона, ташкилот, муассиса ё корхонаи давлатӣ роҳбар шуданро дар дил мепарваридам. Баъди дарс ҳунар меомӯхтам. Орзуҳоямро ба модарам нақл мекардам. Модарам насиҳатам медод: «Барои роҳбар шудан донишу рафтори хуб, одоби ҳамида зарур аст», – мегӯяд Нодира.

Нодира ҷонибдори маълумотнок ва ҳунарманд будани бонувон аст. Ба гуфтаи ӯ саводу ҳунар метавонад оилаҳоро аз вазъияти душвори ҳам иқтисодӣ ва ҳам маънавӣ вораҳонад.

Нодира бо шавҳари меҳрубонаш Баҳодур Мирзоев се писар – Умедҷон, Самандар ва Зафарҷонро дар руҳи ватандӯстӣ, мардумшиносӣ ва қадр намудани арзишҳои миллӣ тарбия намуда, яке аз оилаҳои хушбахт ва намунавии ноҳияи Сайҳунобод ба шумор меравад. Нодира аз рӯйи насиҳати падар амал карда, дасти барҷомондагону ниёзмандонро мегирад. Ният дорад, ки дар давоми фаъолияти худ эҳсонкориҳои зиёдеро анҷом диҳад. «Кори хайр бояд махфӣ бошад, агар бо овозаю дарвоза иҷро гардад, он хайр нахоҳад буд», мегӯяд Нодира.



Ба қарибӣ боз як хабари хуш аҳли оила, хоҳару додар ва дӯстони Нодира Мирзоеваро хушнуд гардонд. Ӯро ба вазифаи ҷонишини ҳокими ноҳияи Сайҳунобод, роҳбари бахши оила ва кор бо занону духтарон таъин намуданд. Ба Нодира дар ин кори пуршараф ва масъулиятнок муваффақиятҳо орзумандем.

Абдураҳмони Ҷомӣ барҳақ фармудааст:

*Ба кор ор илме, ки омӯхтӣ,*
*Макуш машъалеро, ки афрӯхтӣ.*

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Дарёи ҳаёт*

## ХОНАИ БАХТ

Байни хонаи падарӣ ва шавҳарам қариб дусоата роҳ. Писарчаамро гирифта ба дидани модарам рафтам. Чун одат модари азизам моро бо чеҳраи кушод истиқбол намуд. Аз саломатӣ, кору бор, тарбияи фарзандонам пурсон шуд. Бо анвои меваҷоту хӯрокҳои лазиз меҳмон кард. Фурсате нагузашта, оҳиста гуфт:

– Духтарам, ба хонаат кай бармегардӣ?

– Эҳ, модарҷон, омаданамро ҳамагӣ ду соат шуд. Магар шумо хурсанд нестед? – гуфтам каме ранҷида.

– Не-е, духтарам, аз омаданат як ҳисса хурсанд шавам, аз баргаштанат ба хонаи бахтат ду ҳисса шод мегардам, – гуфт бо меҳр модарам.

Баъди суҳбати пандомез барои ду ҳисса шод гардидани модарам, ҳар боре, ки ба хонаи падарӣ равам, ҳаракат мекунам, ки ба хонаи бахтам зудтар баргардам...

## УСМАКАШӢ

Аз сари баҳор модаркалонам дар замини кишти рӯйи ҳавлӣ тухмиҳои ҳулбӯй, райҳон, ҳиною усма, шибиту дигар зироворӣ мепошид. Рӯзе ба хоҳарам фармуд, ки усма канда дар пиёла молиш диҳад. Оби усмаро ба абруву мижгон давондан фоидабахш аст, мегуфт ӯ.

Худаш дар нӯги чӯби гӯгирд бориктар карда, пахта печонд. Баъди тайёр шудани усма ҳама – дағечону духтарон ба усмакашӣ сар кардем. Ҳамсоязану духтаронашро низ даъват кардем.

Модаркалонам бо шӯхӣ гуфт:

– Изи усмаи кадоме ба абруяш бештар монад, нишонаи он аст, ки ӯро ёраш бештар дӯст медорад.

Ин ҳарфи момоямро шунида, ба абрувонамон гаштаю баргашта усма мекашидем.

Изи усма бештар дар абрувони момоям монд.

– Оре, бобоят маро хеле дӯст медошт. Якдигарро эҳтиром мекардем, бе иҷозати вай аз остона берун намебаромадам. Ба ҳар чиз ҳавас намекардам. Шумоён ин хел не, бо шавҳаронатон муносибати хуб надоред, гап мегардонед, баҳудаю беҳуда пасту баланд мегӯед, дилхарошӣ мекунед. Зиндагӣ аз пасту баландиҳо иборат аст, ба ҳамааш бояд сабр кард. Беҳурматӣ, тундиву дуруштӣ меҳру муҳаббати занушӯйиро аз байн мебардорад, – гуфт момоям.

Ба ҳарфҳои момоям гӯшкунон, ба абрувони усмакашидааш бо ҳавас нигоҳ мекардем...

**Фариштаи ҒОИБНАЗАР.**

# «ОФТОБУ МОҲ ХИРА ПЕШИ МЕҲРИ МОДАРАМ...»



Лутфия Баҳроноваро аз замоне, ки дар мактаби ҳамон вақт тоҷикии рақами 10-уми ба номи Устод Айнии ноҳияи Пешкӯ дар синфҳои болоӣ таҳсил мегирифт, мешиносам. Вай аз ҷумлаи иштироккунандаи фаъоли марҳилаи вилоятии озмуни фанни забон ва адабиёти тоҷик ба шумор мерафт. Банда гувоҳ ҳастам, ки вай соли 1994 дар озмуни ҷумҳуриявии ин фанҳо дар ноҳияи Шӯрчии вилояти Сурхондарё ҳамчун ғолиби вилояти Бухоро якҷоя бо духтарам Баҳора Авезова иштирок карда буд. Баъди хатми мактаб ҳар ду донишҷӯйи гурӯҳи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бухоро гардиданд. Таҳсили мактаби олӣ соли 1999 поён ёфту ҳамдарсон ба зодгоҳи худ – Лутфия ба ноҳияи Пешкӯ ва Баҳора ба ноҳияи Шофиркон баргаштанд.

Тайи солҳо ҳар сол чун мухбири «Овози тоҷик» борҳо ба мактабҳои тоҷикии вилоят, аз ҷумла ба таълимгоҳҳои ноҳияи Пешкӯ сар мехалондам, бо роҳбарону омӯзгорони он ҷо мулоқот мекардам, вале бо Лутфия рӯ ба рӯ наомада будам. Аҷибаш дар он, ки аз табъи шоирӣ, машқи шеърнависии ӯ на ҳамсабақҳояш хабар доштанду на ҳамкоронаш. Шояд онҳое, ки бо шабакаҳои иҷтимоӣ бештар сарукор доранд, аз намунаи шеърҳои вай бармаҳал огоҳ гаштаанд. Шеърҳои Лутфия «Дар васфи модар» ва «Дод аз дурӯяҳо» бори аввал дар саҳифаҳои «Овози тоҷик» чоп шуда буд. Албатта дар муҳити имрӯза, ки дар мактабҳои таълими умумии вилоят таҳсил ба забони тоҷикӣ аз байн рафтааст, чун шоири ширинкаломи тоҷикӣ ба майдон омадани Лутфия барои ҳар як мухлиси «қанди форсӣ» воқеаи бузург ва ғайриодӣ аст. Гуфтан ҷоиз аст, ки ӯ 14 декабри соли 1976 дар деҳаи Алиёри ноҳияи Пешкӯ дар хонадони омӯзгори забони русӣ Халлоқ Баҳронов ба дунё омадааст.

Додарони Лутфия Шералию Шерзод соҳибкоранд. Модараш Манзура Баҳронова омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар деҳаи ҳамсоя – Қудрашех буд. Аввалин омӯзгори Лутфия – модараш. Дар мактаб чор сол аввал аз ӯ таълиму тарбия гирифтааст. Дар шеъри аввалинаш «Дар васфи модар» чунин мегӯяд:

*Офтобу моҳ хира пеши меҳри модарам,*
*Он ягона нури чашму ҳам ягона ахтарам...*

Инчунин омӯзгорони ҳамин таълимгоҳи он вақт тоҷикӣ Муҳиддин Тӯйғунов, Ибодулло Насимов, Таваккал Чориев, Бахтиёр Нуруллоев ва Ниёз Қудратов баҳри камолоти Лутфия ва ҳамдарсҳои вай саҳми арзанда гузоштаанд.

Муҳити хонаводаи Баҳроновҳо ба маҳфили адабӣ шабоҳат дошт.

Ҳама шеър мегуфт, «байтбарак» машғулияти дӯстдоштаи онҳо буд. Додарон иштирокдори маҳфили рубобу доира буданд.

– Дар хурдсолӣ таҳти назорат ва пайравии модар шеърҳо мегуфтам, фаъоли маҳфилҳои мактаб будам, барандагӣ мекардам. Баровардани газетаи девории ҳаҷвии «Қаланфур»-ро ба зиммаи ман гузошта буданд. Маводҳои танқидӣ, дар бораи талабагоне, ки ба дарсҳо дер меомаданд, аз қабили «Бачаи хоболуд» шеърҳо менавиштам, вале шеърҳои минбаъд машқ кардаамро ба касе нишон надодаам, – мегӯяд Лутфия.

Ӯ соли 2000 ба ҷавони деҳаи ҳамсояи Шавгон – омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ Қаҳрамон Умиров ба шавҳар баромад. Онҳо соҳиби се писар шуданд. Фарзанди калонӣ Рустам имсол факултети таърихи ДДБ-ро хатм кард. Баҳром донишҷӯи шуъбаи технологияи ахбори донишгоҳ мебошад. Самар талабаи мактаби миёна.

Ба Лутфия лозим омад, ки солҳои зиёд дар мактаби рақами 8-уми ноҳияи Пешкӯ дар деҳаи Шавгон ҳамчун омӯзгор фаъолият нишон диҳад. Дертар ба боғчаи бачагонаи деҳа ба кор гузашт.

– Азбаски дар мактаб синфи охирини тоҷикӣ соли гузашта таҳсилро хатм карда рафт, маҷбур шудам, ки ҷойи корро дигар кунам, – эзоҳ дод вай.

Вақте бо директори муассисаи томактабии тоҷикӣ Бодом Худоёрова сӯҳбат оростем, вай аз камбудӣ ва норасоиҳои муассиса, аз ҷумла, надоштани маҷлисгоҳу толори варзишӣ ҳарф зад, ки дар он Лутфия муовини роҳбар аст.

Мо аз фурсат истифода бурда ба Лутфияи бухороӣ китобчашнномаи 100-солагии «Овози тоҷик» ва он шумораҳое, ки дар онҳо шеърҳои шоира дарҷ ёфтаанд, тақдим намудем.

Бояд таъкид намуд, ки шеърҳои Лутфия: «Эй дил», «Дили пуршӯру шар дорам», «Ахтаре андар шаби торат шавам», «Муждаи баҳор», «Забони модарии ман», «3-олами рӯъё биё...», «Насими субҳдам ин дам вазиданро маҳинтар кун» ва ғайра дар нашриёҳои «Бунёди ҷаҳонии сухангустарони сабзманиш» (Эрон), «Дурдонаи Шарқ», «Лиров» – садои форсизабонони ҷаҳон (Тоҷикистон, Эрон), «Овози тоҷик» ва «Ховар» чоп шудааст.

Тобистони соли гузашта шуъбаи тоҷикии Ширкати телевизион ва радиои вилоят дар бораи фаъолияти эҷодии Лутфия барномае таҳия намудааст.

– Чӣ орзую ниятҳо доред? – пурсидам аз мусоҳибам.

– Дар маҳфилҳои адабӣ иштирок карданро дӯст медорам. Агар имконият даст диҳад, дил мехоҳад, ки маҷмӯаи шеърҳоям ба шакли китоб рӯи чопро бинад,– ҷавоб дод дар охири суҳбат Лутфия.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти БУХОРО.*

*Ибрат*

# СУРАТЕ ДАР МОШИН...

Ба ҷамъомаде мешитофтам. Дар сари роҳ барои нигоҳ доштани мошин дастамро бардоштам. Мошини сафеди тамғаи «Lacetti» истод. Манзилро гуфтам. Ронандаи ҷавон ба маънои «шинед» имо кард. Баъд аз нишастан чашмам ба сурате афтод, ки дар кунҷи оинаи мошин меистод. Зани нуроние рӯймоли сафед дар сар дошт.

— Модаратон? — пурсидам.

— Ҳа, — гуфт ҷавон.

— Бубахшед, ҳаёт ҳастанд?

— Худоро шукр. Чаро мепурсед?

— Худам...

— Медонед, аксар мардум бо шавқ мепурсанд, ки чаро расмро часпонидаам? – пас аз сукути кӯтоҳ ҷавон шурӯъ ба нақл кард. – Ин ду сабаб дорад. Якум, суръати баландро дӯст медорам. Агар ба роҳи равону камнақлиёт бароям, поям беихтиёр газро зер мекунад. Вақте чашмам ба сурати модарам меафтад, суръатро кам мекунам. Ман як писар ҳастам. Агар нохушие бо ман рӯй диҳад, модарам наметавонад ин ғамро таҳаммул кунад...

— Мебахшед бародар, сабаби дуюм чист? – бесаброна пурсидам.

— Дуюм ва асосиаш ин аст, ки симои модарам ҳамеша дар пеши назарам аст. Вақте ки аз кору ташвишҳои зиндагӣ хаставу дилтанг мешавам, чеҳраи модарамро дида, ҳама мушкилиҳоро фаромӯш мекунам. Сурати модарамро ҳар рӯз бубинам ҳам, боз пазмон мешавам. Ба хона мешитобам. Бо чеҳраи болида, аз ҷабинам бӯсида пешвоз гирифтани модарамро пеши назар оварам, дилам лабрези фараҳ мегардад ва ҳаракат мекунам, ки корамро ҳар чӣ зудтар ба охир расонаму хона баргардам.

— Ба модаратон зуд-зуд занг мезанед?

— Албатта. Агар чанд соат овозашонро нашунавам, дилтанг мешавам.

— Нағз...

Ҷавони калонгап будааст. Гӯё дигарон модари худро дӯст намедоранд» дар худ андешидам. Баъд беихтиёр худро бо ҷавон муқоиса кардам. Сурати модарамро бо худ надорам. Шояд дар кадом як папкаи телефонам бошад, аммо дар дастам нест. Барои ба хона рафтан ҳам бисёр намешитобам. Телефон кардан бошад...

Пойбанди чунин андешаҳо будам, садои телефони ҷавон баланд шуд. «Модарам» гуфт ӯ ва узр пурсида, мошинро канори роҳ гирифт. Бисёр сӯҳбат накард, вале хеле боадабона ҳарф мезад. Ба ҷавон эътибор додам. Дар телефон гап мезад, аммо ҳар боре, ки «хуб шудааст» мегуфт, нимхам мешуд, гӯё модараш дар рӯ ба рӯяш истодаанд. Чашмонаш аз шодӣ медурахшид. Шодмонии кӯдаки хурдсолро мемонд, ки ба канори модараш меравад. Фарқ дар он буд, ки дар паҳлӯям на кӯдак, балки як ҷавонмард менишаст. Ӯ меҳри айёми кӯдакиро нигоҳ дошта буд. Ба ҷавон ҳавасам омад. Агар ин ҷавонро модарам медиданд, албатта ба модараш ҳавас мекарданд. Ё аз ман меранҷиданд, ки мисли ин ҷавон боэътибор нестам. Дар ин маврид меандешидаму дар роҳи нафас талхиеро эҳсос кардам. Чизе гулӯгирам намуд. Чӣ хел ба манзил расидам, пай набурдам. Дар ҷамъомад ҳам парешонӣ маро тарк накард. Гӯё дар болои хори мағелон нишаста будам.

Нисфирӯзӣ аз гулҳои дӯстдоштаи модарам дастагуле гирифта, ҷониби хона шитофтам. Ҳар қадар ба хона наздик мешудам, табъам болидатар мегардид. Хеле шод будам ва аз ин корам то чӣ ҳад хурсанд шудани модарамро фикр карда, дар худ меболидам ва бо дили саршори меҳр занги дарро пахш кардам. Модарам дарро кушоданд.

— Ассалому алайкум, модарҷон.

— Ваалайкум ассалом. Тинҷӣ аст? Дар ин вақт намеомадӣ-ку? — бо хавотир пурсиданд.

Гулдастаро, ки дар паси худ пинҳон медоштам, ба модарам дода гуфтам:

— Шуморо сахт ёд кардам...

**Баҳром МУҲАММАД.**

**Аз ӯзбекӣ тарҷумаи Ф.ФАРҲОДЗОД.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 3684. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.15

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.